**Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи "Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон"**

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи "Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Идораи низоми пардохт |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 09 августи соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Қоидаҳо дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 19.12.с.2019 ҷойгир карда шудааст. |
| Маҷмӯи таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қоидаҳо таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи Қоидаҳо машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар | Барои фаъолияти низоми пардохтҳои электронӣ – "Палатаи ҳисоббаробаркунӣ" "Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон" амал мекард. Ба ивази низоми пардохтҳои электронӣ – "Палатаи ҳисоббаробаркунӣ" Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии |

| | |
|---|---|
| ягон амал андешида нашавад | Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард. Низоми мазкур дар асоси стандартҳои маъмули ҷаҳонӣ таҳия гардида, ба талаботҳои замони муосир ҷавобгӯ мебошад. "Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон" ба тартиби фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон, идоракунии хавфҳо, таъмини ҳифзи маълумот ва ҳимоя аз дастрасии беиҷозат, назорати он ҷавобгӯ нестанд.<br>Бинобар ин, ҷиҳати ба талаботи фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо ҷавобгӯ намудан, зарурият пеш омад, ки "Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон" дар таҳрири нав таҳия карда шавад.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Қоидаҳои мазкур ташкил ва таъмини фаъолияти низомҳои пардохтӣ, клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ, танзиму назорати фаъолияти Низоми мазкур ва хизматрасониҳои пардохтӣ коста мегарданд. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон масъули ташкили низоми пардохти миллӣ буда, бо мақсади роҳбарии ташкил ва таъмини фаъолияти самараноку боэътимоди низомҳои пардохтӣ, клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон, қоидаҳои фаъолияти иштирокчиёни Низом ва тартиби пайвастшавии онҳоро ба Низоми мазкур муқаррар менамояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва | Лоиҳаи "Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон" ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (минбаъд Низом) дар таҳрири нав таҳия гардидааст.<br>Низоми мазкур аз се қисм иборат мебошад:<br>- ҳисоббаробаркуниҳои маҷмӯӣ дар реҷаи вақти воқеӣ – барои коркарди пардохтҳои фаврӣ ва маблағҳои ҳаҷман калон пешбинӣ шудааст;<br>- ҳисоббаробаркуниҳои клирингӣ бо нетто-мавқеъ |

| | |
|---|---|
| маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | – барои коркарди бастаи пардохтҳои маблағашон ҳаҷман хурд пешбинӣ шудааст;<br>- пардохтҳои босуръат - барои интиқоли пардохтҳои босуръат дар реҷаи 24 – соат дар як рӯз, 7 – рӯз дар як ҳафта ва 365 - рӯз дар як сол пешбинӣ шуда, ҳисоббаробаркунии нетто-мавқеъро иҷро менамояд ва натиҷаи онро ба қисми ҳисоббаробаркуниҳои маҷмӯӣ дар реҷаи вақти воқеӣ пешниҳод мекунад.<br>Мақсади асосии Низоми мазкур таъмини интиқоли боэътимод, босуръат, бехатар ва мунтазами маблағҳои пулӣ тариқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ байни Иштирокчиёни Низом, инчунин интиқоли пардохтҳое, ки ба карордодҳо дар бозорҳои молиявии байнибонкӣ вобастаанд ба ҳисоб меравад.<br>Низоми мазкур дар асоси принсипҳои афзалияти коркард, вақти қабули ҳуҷҷати пардохтии электронӣ, оғоз намудани пардохти электронӣ аз тарафи Иштирокчӣ, амалӣ кардани пардохти электронӣ дар доираи бақияи суратҳисобҳои муросилотии Иштирокчиён, имконнопазирии бекор кардани пардохти электронии иҷрошуда ва дараҷаи баланди бехатарӣ, фаврӣ ва боэътимодӣ фаъолият менамояд.<br>Қоидаҳои мазкур тартиби ба Низом пайваст шудан, талаботҳои умумӣ барои иштирок, инчунин боздоштан ва қатъ намудани иштироки иштирокчии Низомро ба танзим медарорад. Ҳар як Иштирокчии Низом дорои яке аз ҳолатҳо “Фаъол”, “Боздоштшуда” ва “Ғайрифаъол” мебошад.<br>Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун оператори низоми пардохт фаъолияти Низомро таъмин намуда, барои анҷом додани ҳисоббарбаркуниҳои ниҳоӣ аз рӯи пардохтҳои Иштирокчиён хизмат мерасонад. Барои фаъолияти Низом реҷаи рӯзи амалиётӣ муайян гардидааст, ки тибқи он Иштирокчиёни Низом ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкиро амалӣ месозанд. Дар ҳолатҳои ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ғайричашмдошти характери техникӣ ё функсионалидошта, маъмури Низом дар мувофиқа бо Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон реҷаи рӯзи амалиётии Низомро тағйир дода, дар ин бора Иштирокчиёнро огоҳ менамояд. Ҳуҷҷатҳои пардохтӣ аз ҷониби Иштирокчӣ дар намудаи паёмҳои пардохтӣ |

| | |
|---|---|
| | дар формати ISO 20022 пешниҳод мешаванд.<br>Бонки миллии Тоҷикистон барои хизматрасонии тавассути Низом пешниҳодшаванда мутобиқи тарифҳои тасдиқшуда аз Иштирокчиёни Низом ҳаққи хизмат мегирад.<br>Қисми ҳисоббаробаркуниҳои маҷмӯӣ дар реҷаи вақти воқеӣ дар асоси принсипи ҳисоббаробаркунии умумӣ фаъолият намуда, коркард ва ҳисоббаробаркунии ҳар як ҳуҷҷати пардохтиро дар алоҳидагӣ амалӣ месозад.<br>Дар қисми ҳисоббаробаркуниҳои умумӣ дар реҷаи вақти воқеӣ супоришнома оид ба интиқолҳои фаврӣ, амрнома оид ба тартиби бебаҳс ситонидан тибқи санадҳои меъёрии амалкунанда, супоришнома оид ба амалиёт бо коғазҳои қиматнок коркард мешаванд. Марҳилаҳои коркарди ҳуҷҷатҳои пардохтӣ дар қисми мазкур инҳо сохтан ва интиқоли ҳуҷҷат ба Низом аз ҷониби Иштирокчӣ, назорати техникии ҳуҷҷат аз ҷониби Низом, санҷиши кифоягии бақияи маблағҳои пулӣ дар суратҳисоби муросилотӣ аз ҷониби Низом вобаста ба қабули ҳуҷҷат барои ҳисоббаробаркунӣ ё ҷойгиркунии он дар навбат мебошанд. Аз лаҳзаи ҳисоббаробаркунӣ ҳуҷҷати пардохтӣ ҳисоббаробаркунии ниҳоиро таъмин намуда, бекорнашаванда ҳисобида мешавад.<br>Нисбати шумора ё маблағи ҳуҷҷатҳои пардохтии ба қисми мазкур пешниҳодшаванда маҳдудият истифода бурда намешавад. Ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ба Иштирокчиёни Низом дар намуди маълумоти пардохтӣ пешниҳод мегарданд. Вобаста аз сатҳи фаврии коркарди пардохтҳо ва эҳтимолияти ҷойгиркунии онҳо ба навбат, аз ҷониби Иштирокчиён ба ҳуҷҷатҳои пардохтӣ афзалият дода мешавад.<br>Ҳангоми кредиткунии суратҳисоби муросилотии Иштирокчие, ки ҳуҷҷатҳои пардохтии он ба навбат гузошташудаанд, Низом коркарди ҳуҷҷатҳои мазкури дар навбатбударо мутобиқи афзалияти додашуда ва принсипҳои якум гирифташуда – якум коркардшуда "FIFO" амалӣ месозад. Ҳуҷҷатҳои пардохтии дар навбат буда метавонанд аз ҷониби Иштирокчии онҳоро омодакарда, бекор карда шаванд. |

Мутобиқи тартиботи дохилии худ Иштирокчӣ метавонад афзалияти ҳуҷҷати пардохтии дар навбат бударо барои тағйир додани пайдарпайии ҳисоббаробаркунии худ тағйир диҳад.

Ҳуҷҷати пардохтӣ аз лаҳзаи дебеткунии суратҳисоби муросилотии Иштирокчӣ–пардохткунанда ва кредиткунии суратҳисоби муросилотии Иштирокчӣ-қабулкунанда, ба анҷом расида ҳисобида мешавад.

Қисми ҳисоббаробаркуниҳои маҷмӯӣ ҳуҷҷати пардохтии анҷомёфтаро барнамегардонад, аз ҷумла дар ҳолате, ки агар он хато пешниҳод шуда бошад.

Маблағи ҳуҷҷати пардохтии нодуруст пешниҳодшуда аз ҷониби Иштирокчӣ-қабулкунанда бо дархости Иштирокчӣ–пардохткунанда ё дар ҳолати ошкор шудани нодурустии мушаххасот дар ҳуҷҷати пардохтӣ баргардонида мешавад.

Қисми ҳисоббаробаркунии клирингӣ бо принсипи клиринг ва ҳисоббаробаркунии нетто-мавқеъ фаъолият намуда, пардохтҳои клирингии аз ҷониби Иштирокчиён пешниҳодшударо амалӣ намуда, натиҷаҳои клирингро барои ҳисоббаробаркунӣ ба қисми ҳисоббаробаркунӣ дар реҷаи вақти воқеӣ дар фосилаи вақти пешакӣ муқарраршуда, равона менамояд.

Иштирокчиён дар асоси ҳуҷҷатҳои пардохтии аз ҷониби муштариён пешниҳодшуда, бастаи ҳуҷҷатҳои пардохтиро омода менамоянд, ки он ба қисми ҳисоббаробаркуниҳои клирингӣ дар намуди маълумоти пардохтӣ равона мегардад. Бастаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ метавонад ҳуҷҷатҳои пардохтии танҳо ба як Иштирочӣ-қабулкунанда тааллуқдоштаро дар бар гирад. Маблағи зиёдтарини як ҳуҷҷати пардохтӣ дар қисми ҳисоббаробаркуниҳои клирингӣ 1 000,00 (як ҳазор) сомониро ташкил медиҳад. Дар давоми рӯзи амалиётии Низом қисми ҳисоббаробаркунии клирингӣ имконияти амалӣ намудани 2 сессияи клирингиро дар асоси реҷаи рӯзи амалиётии Низом таъмин менамояд.

Иштирокчиён метавонанд дар реҷаи вақти воқеӣ нетто-мавқеи пешакиро бинанд, инчунин барои

| | |
|---|---|
| | пӯшонидани нетто-мавқеи дебетӣ маблағ захира намоянд. Пас аз қабули техникии бастаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ Иштирокчиён тибқи тартиби дохилии худ метавонанд баста ё ҳуҷҷатҳои пардохтии дохили бастаро, ки мутобиқи сессияи клиринг пешниҳод шудаанд, бекор намоянд.<br>Дар марҳилаи "Пеш аз клиринг" қисми ҳисоббаробаркуниҳои клирингӣ Иштирокчиёнро оид ба нетто-мавқеъ, ки барои сессияи клирингии дахлдор пешбинӣ шудааст, огоҳ менамояд ва дар суратҳисоби муросилотии Иштирокчиён маблағҳои заруриро барои пӯшонидани нетто-мавқеи дебетӣ захира менамояд. Ҳуҷҷатҳои пардохтие, ки ба нетто-мавқеи пешбинишуда дохил шудаанд, наметавонанд аз тарафи Иштирокчиён дар марҳилаи дахлдор бекор карда шаванд.<br>Дар марҳилаи "Клиринг" қисми ҳисоббаробаркуниҳои клирингӣ вобаста аз сатҳи пӯшонидани нетто-мавқеи дебетӣ, ҳисоббаробаркунии ниҳоии нетто-мавқеъро барои сессияи клирингии дахлдор амалӣ менамояд. Бастаи ҳуҷҷатҳои пардохтие, ки ҳисоббаробаркунии ниҳоии нетто-мавқеъро дар бар мегирад, дар асоси афзалияти ба онҳо додашуда ва принсипи якум гирифташуда – якум коркардшуда "FIFO" ҳисоббаробаркунии ҳуҷҷатҳои пардохтии ба он дохилшударо ба таври мувофиқ қабул мекунад. Ҳуҷҷатҳои пардохтии ба нетто-мавқеи ниҳоӣ дохилшуда, наметавонанд бекор карда шаванд.<br>Иштирокчиёни қисми падохтҳои босуръат аз иштирокчиёни мустақим ва ғайримустақим иборат мебошанд.<br>Тавассути қисми пардохтҳои босуръат интиқолияҳо байни шахсони воқеӣ, пардохтҳо ба фоидаи таҳвилкунандаи хизматрасонӣ ва молҳо, пардохтҳо ба фоидаи хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои тавассути QR-пардохтҳо амалишуда интиқол дода мешаванд.<br>Иштирокчӣ-қабулкунандаи ҳуҷҷати пардохтӣ бояд ҳуҷҷати пешниҳодшударо аз лаҳзаи гирифтан дар муддати 45 (чилу панҷ) сония тасдиқ ё рад намояд. Дар ҳолате, ки агар аз ҷониби Иштирокчӣ-қабулкунанда |

ҳуҷҷат дар фосилаи нишондода шуда қабул нагардад, он гоҳ қисм ҳуҷҷати пардохтиро рад намуда, дар ин бора пардохткунанда ва қабулкунандаро огоҳ менамояд. Ҳуҷҷати пардохт барои иштирокчӣ-пардохткунанда аз лаҳзаи ба нетто мавқеъ ворид шудан ба таври ниҳоӣ анҷомёфта ҳисобида мешавад. Ҷараёни баргардонидани пардохти нодуруст интиқолшуда аз ҷониби иштирокчиён то лаҳзаи ҳисоббаробаркунии ниҳоии ҳуҷҷати пардохтӣ амалӣ карда мешавад.

Низом дорои махзани бойгонӣ мебошад. Маълумот доир ба амалиётҳо дар махзани маълумотии Низом ҷамъ мегарданд. Низом дорои дафтари сабти ҳодисаҳо буда, дар он маълумотҳо доир бо сеансҳои истифодабаранда аз он ҷумла воридшавӣ, баромад ба/аз Низом, ҳамаи паёмҳо ва тасдиқот бо имзои электронии рақамӣ сабт мегарданд. Сабтҳои давраи гузашта дар махзан дар реҷаи онлайн-дастрасӣ нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар доираи фаъолияти Низом Иштирокчиён метавонанд ба хавфҳои норасоии пардохтпазирӣ ва амалиётӣ рӯ ба рӯ шаванд.

Агар дар суратҳисоби муросилотии Иштирокчӣ маблағи зарурӣ барои анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ вуҷуд надошта бошад, онгоҳ хавфи норасоии пардохтпазирӣ ба вуҷуд меояд. Барои идоракунии хавфи норасоии пардохтпазирӣ Иштирокчии Низомро зарур аст, ки мониторинги бақияи маблаги суратҳисоби муросилотӣ ва идоракунии навбатнокии пардохтҳоро ба таври доимӣ ба роҳ монад.

Хавфи амалиётӣ дар ҳолати риоя накардани тартибот ва расмиёти идоракунии таҷҳизоти барномавӣ, ки барои кор дар Низом истифода бурда мешавад ва дар ҳолати ба хатогӣ роҳ додан, беэътиноӣ, сахлангорӣ кардан, инчунин сатҳи пасти тахассуси корманди масъул оид ба расмиётҳои маъмурикунонӣ, ки ба фаъолияти Низом алоқаманд мебошад, ба вуҷуд меояд.

Бо мақсади идоракунии хавфи амалиётӣ Иштирокчиён ва Бонки миллии Тоҷикистон ҳамаи чораҳои зарурирo барои самароникии

маъмурикунонӣ ва истифодаи таҷҳизоти барномавӣ-техникӣ меандешанд.

Бо мақсади тасдиқи муаллифӣ, махфинигоҳдорӣ ва яклухтии ҳуҷҷатҳои пардохтии электронӣ, ки тавассути хатҳои алоқа дастрас мешаванд, рамзгузорӣ ва имзои электронии рақамӣ истифода бурда мешаванд.

Маркази Тасдиқномадиҳии Бонки миллии Тоҷикистон ду маротиба дар як сол ё дар ҳолати ба вуҷуд омадани нобоварӣ ба сертификатҳои истифодашаванда, ки амнияти маълумотҳоро таъмин менамояд ё бо дархости Иштирокчиёни Низом сертификатҳои нав мебарорад.

Иштирокчиёни Низом барои саҳеҳӣ ва фош шудани ҳуҷҷатҳои пардохтии электронӣ ва маълумотҳои пешниҳодшаванда, риояи шарти ҳифз ва махфият, риояи тартиби истифодаи имзои электронии рақамӣ, реҷа ва тартиби кор дар Низом, ки Қоидаҳои мазкур, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, ҷавобгарӣ ба зимма доранд. Тақсимоти ҷавобгарӣ ва ҳалли баҳсҳо, ки дар ҷараёни гузаронидани пардохтҳо тавассути Низом ба миён меоянд, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва шартномаву созишномаҳои дахлдор ба танзим дароварда мешаванд.

Назорати фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо дар ду сатҳ якум аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва сатҳи дуюм аз ҷониби Иштирокчиён пеш бурда мешавад.

Бо мақсади амалӣ кардани назорат аз болои шахси масъул оид ба маъмурикунонию истифодаи таҷҳизоту барномаҳо дар ҳамкорӣ бо Низом, инчунин идоракунии хавфи пардохтпазирӣ, Иштирокчӣ тартиби дохилиро таҳия менамояд.

Ҳолатҳои ғайричашмдошт, ки дар фаъолияти Иштирокчии Низом ба вуҷуд меоянд, бояд ба қайд гирифта шуда, чораҳои андешидашуда барои бартараф кардани онҳо баҳогузорӣ карда шаванд.

Барои назорати фаъолияти Иштирокчиён дар Низом Бонки миллии Тоҷикистон давра ба давра

| | |
|---|---|
| | Низомро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва дар доираи аҳамиятнокии меъёрҳои низоми пардохтӣ баҳогузорӣ намуда, аз болои фаъолияти Иштирокчиёни Низом назорат мебарад.<br>Бонки миллии Тоҷикистон на камтар аз як маротиба дар як сол барои дар ҳолатҳои ғайричашмдошт амал кардан, тибқи талаботҳои вазифавӣ ва техникии ба Низом пешбинишуда озмоиши омодагии фаъолияти Низомро мегузаронад ва Иштирокчиёнро пешакӣ аз санаи гузаронидани озмоиши мазкур хабардор мекунад. Иштирок дар озмоиш барои Иштирокчиёни Низом ҳатмӣ мебошад.<br>Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар дилхоҳ вақт бо тартиби яктарафа ба Қоидаҳои мазкур тағйиру иловаҳо ворид намояд.<br>Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи тағйиру иловаҳо ба Қоидаҳои мазкур Иштирокчиёнро огоҳ намуда, ҳамзамон матни тағйиру иловаҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" интишор карда мешаванд.<br>Қабули Қоидаҳои мазкур самаранокӣ ва эътимоднокии низоми пардохтии кишварро афзун намуда, барои рушди минбаъдаи инфрасохтори низоми пардохтӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва мизоҷони онҳо заминаи устувор мегузорад. Инчунин ба афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ, шаффофияти ҷараёнҳои молиявӣ, афзудани воридшавии андозҳо ба буҷети давлат замина гузошта, ҳиссаи иқтисодиёти пинҳониро коҳиш медиҳад ва ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Ба ҷуз қабул кардани "Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон" дигар роҳи ҳал кардани мушкилиҳо вуҷуд надоранд, чун ки Қоидаҳои амалкунанда ба талаботи фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ нестанд.<br>Бидуни қабули Қоидаҳои мазкур бо роҳҳои дигар ҳал кардани мушкилиҳои ҷойдошта ғайриимкон |

| | |
|---|---|
| | мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Қоидаҳои мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Дар сурати қабул гардидани Қоидаҳои мазкур тартиби фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон, қоидаҳо ва тартиби пайвастшавӣ ба низоми мазкур ба танзим дароварда мешаванд.<br>Оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ:<br>Аз қабули Қоидаҳои мазкур ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ зиёд гардида, аксарияти пардохтҳои байнибонкӣ дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) қабул, коркард ва интиқол дода мешаванд.<br>Инчунин, қабули Қоидаҳои мазкур боиси он мегардад, ки маблағҳои ғайринақдии мизоҷон тавассути Низоми мазкур дар реҷаи вақти воқеӣ, бехатар интиқол гардида, онҳо саривақт маблағҳои худро дастрас менамоянд ва ба иқтисодиёти кишвар таъсири мусбӣ мерасонад.<br>Қабули Қоидаҳои мазкур аз Иштирокчиёни Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо хароҷоти иловагиро талаб намекунад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабули Қоидаҳои мазкур ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардида, ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ коҳиш меёбад, ки дар натиҷа воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ рӯ ба афзоиш мениҳад. Инчунин хароҷотҳо барои барориш, ҳамлу нақли пули нақд ва таъмини муомилоти пули нақд кам мегардад. |
| Санади эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 25 августи соли 2020 |

Муовини Раис [signature] Машрабзода Ҳ.М.